# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба “Тартиби гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ””

Лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба “Тартиби гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ”” бо мақсади содда ва шаффоф намудани раванди додани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ, иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва мутобиқ гардонидани талаботи он ба талаботи қонуни мазкур таҳия гардид.

Дар доираи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур масъалаҳои зерин мавриди танзим қарор мегиранд:

- тартиби ба таври электронӣ пешниҳод намудани ариза ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагашта барои гирифтани иҷозатнома;
- тартиби азнавбарасмиятдарории иҷозатнома;
- тартиби додани нусха (дубликат)-и иҷозатнома;
- тартиби боз доштани амали иҷозатнома;
- тартиби пардохти хироҷи ҳарсола барои нигоҳ доштани эътибори иҷозатнома.

Инчунин, бо назардошти тағйиру иловаҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" даровардашуда, дар лоиҳа истилоҳи "ташкилоти қарзӣ" ба "ташкилоти қарзии молиявӣ" иваз карда шудааст.

Бо қабули лоиҳаи қарори мазкур тартиби гирифтан, азнавбарасмиятдарорӣ ва додани нусха (дубликат)-и иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ содда ва шаффоф мегардад. Инчунин, пас аз қабули қарори мазкур пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳо барои гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ ба таври электронӣ имконпазир мегардад, ки то ин дам ғайриимкон буд.

Лоиҳаи мазкур маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб наменамояд.

Муовини раис Икромӣ С. С.